**Паёми иди Фисҳи**
**Патриархи Маскав ва тамоми Рус КИРИЛЛ**
**ба кашишҳои олимартаба, кашишҳо, диаконҳо, роҳибон**
**ва тамоми фарзандони боимони Калисои Православии Рус**

**Дилдодагони Худованд кашишҳои олимартаба,**
**кашишҳо ва диаконҳои парҳезгор, роҳибон ва роҳибаҳои худодӯст,**
**бародарон ва хоҳарони арҷманд!**

МАСЕҲ ЭҲЁ ШУД!

Аз самими диле, ки лабрези шодмонии наҷиб аз Наҷотбахши Бархоста аз Тобут аст, якояки шуморо бо ин суханони рӯҳбахш дуруд гуфта, ба муносибати *ҷашни ҷашнҳо* – Фисҳи Парвардигор табрик менамоям. Ҳоло мо ба базми бузурги имон, ба тантанаи бузурги рӯҳ даъват мешавем. Яккаписари Худованд, ки ба ин ҷаҳон омада, дар рӯи салиб азобу маргро сипарӣ кард, бо амри Падари Осмонӣ пирӯзмандона аз тобут бархост! Исо эҳё шуд – ва *«ғалаба маргро фурӯ бурд»* (1 Қӯр. 15, 54)! Ӯ эҳё шуд – ва тамоми Даҳр шодмонӣ мекунад! Парвардигор дӯзахро барҳам дод ва ҳукмронии иблисро сарнагун сохт. Ва ҳамаи инро Худованди Инсондӯст анҷом дод, *то ба василаи Исои Масеҳ бар тибқи иродаи Худ ба фарзандӣ қабул кунад, ки дар Ӯ ба хуни Ӯ фидияе ва омурзиши гуноҳҳоро бар ҳасби сарвати файзи Ӯ пайдо кардаем* (Эфс. 1, 4–5; 7).

Пирӯзии Масеҳ бар марг – ин на танҳо воқеияти маънавӣ, балки табиӣ ҳам мебошад. Парвардигор Исо воқеан ба хотири наҷоти тамоми одамон ҷисман эҳё шуд. Бо растохези Ӯ марг хусусияти бозгаштнопазирии худро аз даст дод, ва барои онҳое, ки ба Масеҳ имон овардаанд, таваллуде дар зиндагии абадӣ, даре, ки роҳро ба само, ба Салтанати Худовандӣ боз мекунад, гардид.

Тасодуфӣ нест, ки азиятдидагон барои Масеҳ ҳама гуна азобро мардона истиқбол карданд. Ва гарчанд пеш ҳатто порсоёни бузург барои мурдагон мисли ҳалокшудагон азо мегирифтанд, аммо дар эҳёи Парвардигор Исо марг дигар эшонро наметарсонд. Тавре ки ҳазрати Афанасийи Бузург хеле ҷолиб навиштааст, аз ин пас *тамоми имоновардагон ба Масеҳ ба он бо камназарӣ менигаранд, бо вуҷуде ки медонанд, ки ҳангоме онҳо мемиранд, онҳо ҳалок намешаванд, балки мезиянд ва ба василаи растохез безавол мегарданд* (Сухан дар бораи таҷассуми Каломи Худованд ва дар бораи зуҳури ҷисмонии Ӯ ба мо). Азиятдидагони навини Калисои Рус, ки далерона гулчанбари

омурзишро дар солҳои таъқиботи динӣ дар асри XX бар сар ниҳода буданд, мисоли равшанеро бароямон нишон доданд.

Имрӯз, ҷаҳон беш аз пеш ба сарватманди беақле аз масали инҷилӣ шабеҳ мегардад (ниг.: Луқ. 12, 16–21), ҳангоме ки ҳузуру ҳаловат, комгорӣ ва зиндагии тӯлонӣ қариб то ҳадди арзишҳои аслии ҳастии инсонӣ расонда мешаванд, мо, шогирдон ва пайравони Наҷотбахш, аз пайи ҳавворӣ Павлус ҷасурона гувоҳӣ медиҳем: *барои мо ҳаёт – Масеҳ аст* (Флп. 1, 21), аммо марг – интиҳои ҳастӣ нест. Чунин мегӯему бовар дорем, зеро медонем: Худованд рӯҳи инсонро барои абадият офаридааст.

Чӣ қадар бисёр ба мо, ки ба ташвишу изтироби рӯзмарра ғуттавар шудаем, зиракии маънавӣ камӣ мекунад, то неруи дигаргунсозандаи ҳузури Худовандиро дар зиндагиамон дарк намоем! Аммо даврони фисҳ – давраи комилан хосе аст. Дар ин рӯзҳо ҳатто худи ҳаво гӯё бо шодии тасаввурнопазири фисҳӣ омезиш ёфтаасту муҳаббату шафқати Худованд бар ҳар инсон фаровон мерезад.

Мо вориди тантанаи ин ҷашни ҳайратангезу дурахшон гашта, бояд на танҳо бо сухан, балки бо амал низ яқинан дар бораи он файзи бузурге, ки одамон ба василаи Парвардигор Исои Эҳёгашта ба даст овардаанд, гувоҳӣ диҳем. Бо атрофиёнамон хабари хурсандибахши Инҷилиро қисмат кунем, ба наздиконамон муҳаббат, меҳр ва таваҷҷӯҳи худро ҳадя намоем, барои онҳое, ки ба ёрию тасаллии мо ниёзманданд, некӣ кунем. Танҳо бо ҳамин роҳ, бо даҳони пур аз сипос ва дили саршори ташаккур Наҷотбахши аз тобут бархостаро ситоиш карда, мо ворисӣ муъҷизаи рухдодаи фисҳӣ мегардем ва ғаюрона писарону духтарони Худованди Таъоло, ки муҳаббати бепоёнашро ба ҳамаи мо арзонӣ доштааст, номида мешавем.

Шуморо ба муносибати иди дурахшони Фисҳи Муқаддас самимона табрик намуда, ба шумо такрор ба такрор дуруди шодонаро ирсол медорам:

**МАСЕҲ ЭҲЁ ШУД!**

**ПАТРИАРХИ МАСКАВ ВА ТАМОМИ РУС**

*Маскав,*
*Фисҳи Масеҳ*
*с. 2018*